# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич «Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ пешниҳод шудааст.**

Толиб Калими Озарахш аз намояндагони барҷаста ва саршиноси адабиёти тоҷикии даврони истиқлол мебошад. Маҳсули эҷоди вай на танҳо дар кишвари мо, Тоҷикистон, балки соири кишварҳои форсизабон хонандаи худро дорад ва ҳунари шоириаш аз ҷониби аҳли таҳқиқ баҳои сазовор гирифтааст. Автореферати диссертатсияи Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич **«Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ»** ба таҳқиқи поэтикаи ашъори ин шоири маҳбуб бахшида шудааст ва он бо масъалагузориҳо ва баррасию умуман, маводи таҳқиқии худ афкори илмию адабии то кунун иброзгардидаи муҳаққиқон ва мухлисони шеъри ӯро ҷамъбаст месозад.

Диссертант мавзуъро ба се боб ва фаслҳо ҷудо карда, онҳоро пай дар пай ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Масалан, дар боби аввал, «Зиндагиномаи Озарахш ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти муосири тоҷик» муайян шудааст, дар боби дуюм, «Анъана ва навоварӣ дар ашъори Озарахш» таҳқиқ гардидааст ва дар боби сеюм «Сохт ва бадеияти шеъри Озарахш» баррасӣ ва пажуҳиш ёфтааст. Муҳаққиқ масъалаҳои назариявӣ ва амалии поэтикаи шеърро омӯхта, дар пояи онҳо ашъори Озарахшро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Ба таъкиди диссертант, Озарахш шоири ҳунарманд, соҳибистеъдод, анъанапардозу навовар маҳсуб меёбад. Дар ашъори вай мавзуъҳои мубрами ҳаёти инсонӣ, ахлоқ, гиромидошти арзишҳои миллӣ, эҳтироми инсон, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, инсонгарой ва монанди инҳо тараннум шудааст. Диссертант ин нуктаҳоро бо мисолҳои мушаххас аз ашъори шоир шарҳу тавзеҳ додааст.

Ҳамчунин, Ҷумъаев Ҷумъабой дар таҳқиқи мавзуъ мақолаву тақризу гузоришҳои танқидии донишмандон: З. Ғаффорова, М. Асрорӣ, А. Боқизода, С. Ҳакимова, Ш. Шарифов ва дигаронро мавриди омӯзиш ва нақд қарор дода, арзиши ҳар яке аз онҳоро вобаста ба муҳтавои худ муайян ва баҳогузорӣ кардааст.

Ҷумъаев Ҷумъабой ҳамаи ҳадафу мақсадҳое, ки дар таҳқиқи мавзуъ дар назди худ гузоштааст, ҳал намуда, дар ин зимн хулосаҳои мушаххасу эътимодбахшро низ манзур кардааст. Хулосаи таҳқиқро диссертант дар бандҳои мушаххас нишон додааст, ки миқдори онҳо вобаста ба бобу фаслҳои дахлдори диссертатсия 16 ададро ташкил додааст.

Автореферати диссертатсияи Ҷумъаев Ҷумъабой бо забони шевои илмӣ таълиф ёфтааст, андешаронӣ, сабки нигориш, таҳлилҳо ва натиҷагириҳояш аз таҳқиқи мавзуъ назаррасанд. Аз баррасии автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки он кори анҷомёфтаи илмист ва бартариҳои зиёд дорад ва қадами ҷиддӣ дар нишон додани ҷойгоҳи Озарахш ва поэтикаи шеъри вай ба ҳисоб меравад. Автореферати ҳозир бо вижагиҳои худ сохтору муҳтавои диссертатсияро дар бар кардааст, мақолаҳои нашрнамудаи муҳаққиқ мундариҷаи таҳқиқоти илмии мазкурро бозгӯӣ мекунанд.

Дар баробари муваффақиятҳо дар матни автореферати диссертатсияи Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич баъзе камбудиҳо ба назар расиданд, ки боз гуфтани онҳо ба фаъолияти баъдии диссертант омӯзанда хоҳад буд:

1. Масъалаҳое, ки дар муқаддима, дар қисмати дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, маълум карда шудаанд, бо қисмати вазифаҳои таҳқиқ якҷо зикр меёфтанд, беҳтар мебуд. Чунки масъалаҳо то андозае якранг менамоянд.

2. Доир ба қофия ва радиф дар автореферат маълумот хеле фишурда оварда шудааст, агар чун қисматҳои дигари автореферат ин қисмат низ андаке тавзеҳ меёфт, беҳтар мебуд.
3. Дар матни автореферат ғалатҳои имлой, китобат ва техникӣ дида мешаванд, саҳ.4, 9, 11, 15, 19 ва ғайра.

Камбудиҳои мазкур ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши кори диссертатсионии ҳозирро кам намесозанд. Бинобар ин, автореферати диссертатсияи Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич **«Озарахш ва поэтикаи ашъори ӯ»**-ро таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ арзёбӣ менамоем ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мебошад.

Номзади илмҳои филология,
дотсент, муовини ректор оид
ба корҳои тарбия ва иҷтимоии
МДТ "ДДФСТ ба номи Мирзо
Турсунзода" Изатзода Зулайхо

Нишонӣ: 734033, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад – 73а
Телефон: (+992) 918173363
E-mail: izatzodaz@bk.ru

Имзои Изатзода Зулайхоро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси МДТ
"ДДФСТ ба номи Мирзо
Турсунзода" Заррина Ҳамидова
06.05.2024